УДК – 332.146.2
ББК – 65.04

**САМАРАНОК ИСТИФОДАБАРИИ ИКТИДОРИ САНОАТӢ ВА БОЗДЕҲИ ФОНДҲОИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИИ ВИЛОЯТИ СУҒД**

***Файзиева Дилноза Изатуллоевна*** *- унвонҷӯи кафедраи назарияи иқтисодии МДТ "ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров" (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд), e-mail: fdilnoza@list.ru*

**ЭФФЕКТИВНОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ПРОМЫШЛЕННОГО ПОТЕНЦИАЛА И ФОНДООТДАЧИ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ**

***Файзиева Дилноза Изатуллоевна*** *- соискатель кафедры экономической теории ГОУ "ХГУ имени академика Б.Гафурова" (Республика Таджикистан, г.Худжанд), e-mail: fdilnoza@list.ru*

**EFFICIENT USE OF INDUSTRIAL CAPACITY AND REPAYMENT OF FUNDS OF INDUSTRIAL ENTERPRISES IN SUGHD REGION**

***Fayzieva Dilnoza Izatulloevna*** *- Researcher of Economic Theory Department, Khujand State University named after academician B.Gafurov (Republic of Tajikistan, Khujand), e-mail: fdilnoza@list.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *иқтидори саноатӣ, рақобатпазирӣ, фондҳои асосӣ, боздеҳи фондҳо, рушди иқтисодӣ.*

*Дар мақола самаранок истифодабарии иқтидори корхонаҳои саноатии вилояти Суғд ва боздеҳи фондҳои ин корхонаҳо таҳлил карда шудааст. Роҳҳои баланд бардоштани самаранокии иқтидори саноатии минтақа дар умум муайян карда шуд. Самаранокии иқтидори саноатии корхонаҳои минтақа, истифодабарии иқтидори он аз рақобатпазирӣ ва дараҷаи умумии рушди бахши саноатии иқтисодиёти минтақа ва хоҷагидории шаклгирифта вобастагӣ дорад. Нақши пешбарандаи он таъминоти техникӣ – иқтисодии иқтидори саноатӣ чун асоси ин раванд кушода шудааст, зеро, фондҳои асосӣ ин заминаи муҳим дар таъминкунии рушди иқтисодӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ба ҳисоб меравад. Самаранокии истифодабарии иқтидори саноатӣ дар боздеҳи фондҳои ба кор андозии фондҳои асосии корхонаҳои саноатӣ инъикос меёбад. Беҳтар истифода бурдани фондҳои асосӣ дар натиҷаи афзоиши талабот ба маҳсулотҳои саноатӣ дар асосӣ васеътар гузаронидани таҳқиқи маркетингӣ нисбат ба ҷалб кардани истеъмоли шахсият ба молҳои саноатӣ мебошад.*

***Ключевые слова:*** *промышленный потенциал, конкурентоспособность, основные фонды, фондоотдача, экономическое развитие.*

*В статье рассматривается эффективное использование промышленного потенциала предприятий Согдийской области и анализ фондоотдачи этих предприятий. Определены пути повышения эффективности промышленного потенциала региона в целом. Эффективность промышленного потенциала предприятий региона, использование их потенциала зависят от конкурентоспособности и общего уровня промышленного сектора экономики региона и сформированного сельского хозяйства, так как, основные фонды — это основа для обеспечения экономического развития в условиях рыночной экономики. Эффективное использование промышленного потенциала отражается в введении в действие основных фондов промышленных предприятий. Лучшее использование основных фондов считается в результате увеличения спроса на промышленную продукцию на основе более широкого маркетингового исследования относительно вовлечения личного потребления в промышленные товары.*

***Key words:*** *industrial capacity, competitiveness, fixed assets, return on assets, economic development.*

*The article analyzes the effective use of the industrial capacities of industrial enterprises in Sughd region and the repayment of funds of these enterprises. On the whole, the ways of increasing the efficiency of the industrial capacity of the region have been determined. The efficiency of the industrial capacity of enterprises in the region, the use of its potential depends on the competitiveness and the general level of development of the industrial sector of the region's economy and the established household. Its leading role is the technical and economic support of production facilities as the basis of this process. Fixed assets are an important foundation for*

*ensuring economic development in a market economy. The efficiency of the use of production capacities is reflected in the return on investment in fixed assets of industrial enterprises. Better use of fixed assets as a result of increased demand for industrial products is mainly due to broader marketing research than the involvement of personal consumption in manufactured goods.*

Дараҷаи техникӣ - иқтисодии иқтидори саноатии минтақа дар дараҷаи пасти миёни кормандони худи корхона оид ба гирифтани натиҷаҳои максималии имконпазири истеҳсолӣ таҷассум меёбад. Натиҷаи имконпазирии максималӣ ҳангоми истифодабарии самараноки технологияҳои муосири саноати муосир ва техникаи замонавӣ ба даст меояд.

Бар ин асос чунин роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии истифодабарии фондҳои асосиро ҷудо намудан мумкин аст: техникӣ, ташкилӣ ва иқтисодӣ. Вале ҳангоми мавҷуд будани дараҷаи техникӣ ва технологии шаклҳои мавҷудаи ташкили истеҳсолот аз ҳолати воситаҳои дохилии маҳдуд вобаста намебошад. Аз ин рӯ, масъалаи сармоягузорӣ ба иқтидори саноатӣ дар минтақа вобаста ба имконият бархе мушкилот эҷод мекунад. Ба роҳҳои техникӣ сармоягузорӣ ва муҷаҳҳазгардонии иқтидори саноатии вилояти Суғд ворид мешаванд, ки ба таркиби такрористеҳсолии таъинотӣ таъсир мерасонад.

Ҷадвали 1.

Таркиби такрористеҳсолии маблағгузории таъиноти саноатии минтақа (ҳазор сомонӣ)[1]

| Нишондиҳандаҳо | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2019 / 2014, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Маблағгузории асосӣ-Ҳамагӣ | 967608,0 | 1199697,3 | 13633228,7 | 1549658,3 | 831628,7 | 987258,6 | 102 |
| Таҷҳизоти нави техникӣ ва дигарсозии корхонаҳои саноатӣ | 528912,2 | 216946,3 | 204141,1 | 107810,0 | 165401,2 | 89079,6 | 16 (-84) |
| Васеъкунии корхона-ҳои амалкунанда | 6412,8 | 42212,9 | 54906,1 | 58831,4 | 18325,2 | 15601,1 | 243 |
| Сохтмони нав | 307709,8 | 455758,3 | 630906,2 | 798054,7 | 246367,5 | 322866,5 | 104 |
| Объектҳои ҷудогонаи корхонаҳои амалкунанда | 124573,2 | 484779,8 | 473275,3 | 584962,2 | 401534,8 | 559711,4 | 449 |

Таҳлили ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки маблағгузории асосӣ ба иқтидори саноатии минтақа нобаробар аст. Ҳамин тавр, ҳарчанд маблаггузории асосӣ дар соли 2019 нисбат ба соли 2014 ҳамагӣ ба андозаи 2% боло рафтааст, вале дар солҳои 2015, 2016, 2017 суръати маблағгузории асосӣ қариб ду баробар ё ба андозаи 60% афзудааст.

Роҳи муҳими баланд бардоштани рақобатпазирии иқтидори саноатии минтақа муайян кардани талабот ба бакордарории фондҳои асосии иқтидори саноатӣ дар шаклҳои гуногуни моликият мебошад. Бакордарории фондҳои асосии иқтидори саноатӣ ин таҷҳизот ва технологияе, ки истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ таъмин менамояд. Барои ҳамин бакордарории фондҳои асосӣ, таҷҳизот ва технологияҳои муосир лозим мебошад.

Ин таҳлили бакордарории фондҳои асосӣ шаклҳои моликиятро талаб менамояд. Муайян намудани тағйироте, ки ҳангоми ташкилёбӣ, афзоиш ва истифодабарии иқтидори саноатии минтақа дар ояндаи наздик ба миён меояд, ҷолиб аст, яъне дар соли 2025 нисбат ба соли 2018 талабот ба таҷҳизоти нав дар корхона афзоиш хоҳад ёфт: барои таҷҳизот -18, 5% ва барои ашёи хом - 213,8%.

Барои ҳамин ҳам бо истифодабарии формулаи ҳисоби боздеҳи фондҳо, ки ҳаҷми фондҳои асосии истеҳсолӣ [2] мебошад.

[1] Хисоби муалиф дар асоси: Омори солонаи вилояти Суғд 2020с.// Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд .2020 с.- С-211.

[2] Позднякова В.Я., Прудникова В.М. Экономика предприятия. (фирмы).Практикум. 2-ое издание. Москва. Инфра-М. 2010. С. 20 -23.

$$БФ = \frac{\text{ҳачми маҳсулоти истеҳсолкардашуда}}{\text{хаҷми фондҳои асосии истеҳсолӣ}} \times 100\%$$

боздеҳи фондҳои ба кор андозии фондҳои асосии корхонаҳои саноатии субъектҳои вилояти Суғд ҳисоб карда шудааст, ки дар ҷадвали 2 оварда шудааст:

Ҷадвали 2.

Боздеҳи фондҳои корхонаҳои саноатии вилояти Суғд (ҳазор сомонӣ)

| Нишондиҳандаҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Солҳо | | | | | | |
| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
| | н. Айнӣ | | | | | |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ | 226349,3 | 262908,4 | 526227,2 | 784483,6 | 985042,6 | 948297,4 |
| Ба кор андозии фондҳои асосӣ | 7830,9 | 14375,1 | 8926,9 | 168615,4 | 6577,0 | 9187,3 |
| Боздеҳи фондҳо | 2890,5 | 1828,9 | 5894,8 | 465,3 | 14977,1 | 10321,8 |
| | н. Ашт | | | | | |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ | 114468,9 | 125182,1 | 158723,8 | 183487,4 | 205174,6 | 224880,0 |
| Ба кор андозии фондҳои асосӣ | 19200,7 | 14666,2 | 49043,1 | 20116,6 | 45624,7 | 37920,9 |
| Боздеҳи фондҳо | 596,2 | 853,5 | 323,6 | 912,1 | 449,7 | 593,0 |
| | н. Б.Ғафуров | | | | | |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ | 285138,1 | 322154,1 | 612103,2 | 1015459,5 | 1146846,4 | 1359001,0 |
| Ба кор андозии фондҳои асосӣ | 116676,0 | 48728,8 | 777934,0 | 134424,1 | 155364,5 | 113247,7 |
| Боздеҳи фондҳо | 244,4 | 661,1 | 78,7 | 755,4 | 738,2 | 1200,0 |
| | ш. Бӯстон | | | | | |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ | 62520,3 | 82653.2 | 87401,2 | 182273,8 | 257070,1 | 411006,0 |
| Ба кор андозии фондҳои асосӣ | 9024,5 | 23690,2 | 27669,1 | 27686,1 | 30115,1 | 31287,2 |
| Боздеҳи фондҳо | 692,8 | 348,9 | 315,9 | 658,4 | 853,6 | 1313,7 |
| | ш. Гулистон | | | | | |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ | 986793,0 | 1146079,6 | 2129523,0 | 3526706,2 | 3446518,8 | 3261638,0 |
| Ба кор андозии фондҳои асосӣ | 47462,2 | 125464,2 | 24836,1 | 9284,0 | 303013,6 | 9765,0 |
| Боздеҳи фондҳо | 2079,1 | 913,5 | 8574,3 | 37986,9 | 1137,4 | 33401,3 |
| | н. Деваштич | | | | | |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ | 20175,1 | 26224,5 | 27 445,3 | 29437,9 | 59288,8 | 61447,2 |
| Ба кор андозии фондҳои асосӣ | 13145,2 | 38242,1 | 16794,0 | 25301,2 | 27336,6 | 30334,6 |
| Боздеҳи фондҳо | 153,5 | 68,6 | 163,4 | 116,3 | 216,9 | 202,6 |
| | н. Зафаробод | | | | | |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ | 102183,5 | 106479,7 | 142082,6 | 176191,6 | 231007,8 | 216524,0 |
| Ба кор андозии фондҳои асосӣ | 15602,4 | 5186,0 | 6845,7 | 19844,8 | 10026,1 | 6947,8 |
| Боздеҳи фондҳо | 654,9 | 2053,2 | 2075,5 | 887,8 | 2304,1 | 3116,4 |
| | ш. Истаравшан | | | | | |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ | 263454,9 | 278753,7 | 315032,0 | 355907,7 | 426189,4 | 529168,0 |
| Ба кор андозии фондҳои асосӣ | 58245,1 | 82234,3 | 13589,5 | 16677,6 | 49711,8 | 32663,5 |
| Боздеҳи фондҳо | 452,3 | 339,0 | 2318,2 | 2134,0 | 857,3 | 1620,1 |
| | ш. Истиқлол | | | | | |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ | 7949,2 | 9512,6 | 20536,2 | 27882,6 | 278836,2 | 39639,6 |
| Ба кор андозии фондҳои асосӣ | 1358,7 | 1918,4 | 2276,4 | 644845,3 | 3405,0 | 12166,3 |
| Боздеҳи фондҳо | 585,1 | 495,9 | 902,1 | 4,3 | 8189,0 | 325,8 |
| | ш. Исфара | | | | | |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ | 230103,3 | 270226,3 | 279212,2 | 296576,0 | 363681,6 | 363989,0 |
| Ба кор андозии фондҳои асосӣ | 47361,6 | 32951,5 | 27961,0 | 34817,4 | 30753,8 | 47067,8 |
| Боздеҳи фондҳо | 485,8 | 820,1 | 998,6 | 851,8 | 1182,6 | 773,3 |
| | ш. Конибодом | | | | | |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ | 114035,1 | 117245,1 | 119817,4 | 193848,9 | 261471,3 | 310182,0 |
| Ба кор андозии фондҳои асосӣ | 9095,1 | 7264,4 | 8264,6 | 19396,3 | 10092,7 | 57595,0 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Боздеҳи фондҳо | 1253,8 | 1614,0 | 1449,8 | 999,4 | 2590,7 | 538,6 |
| | н. Кӯҳ. Мастчоҳ | | | | | |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ | 634,8 | 858,0 | 1272,0 | 1778,2 | 2397,7 | 3549,9 |
| Ба кор андозии фондҳои асосӣ | 4918,2 | 8025,8 | 14875,0 | 7655,0 | 2977,3 | 22522,9 |
| Боздеҳи фондҳо | 12,9 | 10,7 | 8,6 | 23,2 | 80,5 | 15,8 |
| | н. Мастчоҳ | | | | | |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ | 131963,4 | 145193,8 | 170979,9 | 196197,5 | 203609,4 | 240694,0 |
| Ба кор андозии фондҳои асосӣ | 37823,6 | 8963,8 | 30297,2 | 6444,6 | 13686,1 | 17094,1 |
| Боздеҳи фондҳо | 348,9 | 1619,8 | 564,3 | 3044,4 | 1487,7 | 1408,1 |
| | ш. Панҷакент | | | | | |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ | 519187,2 | 824764,5 | 1157438,5 | 1469465,0 | 1889873,9 | 2867482,0 |
| Ба кор андозии фондҳои асосӣ | 39774,4 | 551689,6 | 162319,2 | 77619,8 | 105776,9 | 44516,3 |
| Боздеҳи фондҳо | 1305,3 | 149,5 | 713,1 | 1893,2 | 1786,7 | 6441,4 |
| | н. Спитамен | | | | | |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ | 121407,0 | 147713,5 | 218223,9 | 303808,6 | 406387,2 | 490316,0 |
| Ба кор андозии фондҳои асосӣ | 12018,3 | 9254,5 | 80190,6 | 20484,4 | 43848,9 | 49624,6 |
| Боздеҳи фондҳо | 1010,2 | 1596,1 | 272,1 | 1483,1 | 926,8 | 988,1 |
| | ш. Хуҷанд | | | | | |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ | 490050,0 | 638789,7 | 761430,3 | 942582,8 | 1132396,6 | 1291815,0 |
| Ба кор андозии фондҳои асосӣ | 155009,5 | 212421,6 | 86660,4 | 193985,5 | 249105,8 | 218406,0 |
| Боздеҳи фондҳо | 316,1 | 300,7 | 878,6 | 485,9 | 454,6 | 591,5 |
| | н. Ҷ. Расулов | | | | | |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ | 82757,3 | 97009,5 | 120591,0 | 169014,6 | 198615,5 | 231463,0 |
| Ба кор андозии фондҳои асосӣ | 13822,1 | 44772,9 | 7336,2 | 14266,4 | 16325,3 | 44443,5 |
| Боздеҳи фондҳо | 598,7 | 216,7 | 1643,8 | 1184,7 | 1216,6 | 520,8 |
| | н. Шаҳристон | | | | | |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ | 15711,3 | 18870,1 | 20441,3 | 27996,3 | 34153,3 | 37214,2 |
| Ба кор андозии фондҳои асосӣ | 13443,8 | 17481,9 | 14702,6 | 16139,5 | 14897,6 | 19643,0 |
| Боздеҳи фондҳо | 116,9 | 107,9 | 139,0 | 173,5 | 229,3 | 189,5 |

*Коркарди муаллиф дар асосӣ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020/ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. С. 272, 323*

Аз маълумотҳои ҷадвал маълум мегардад, ки нишондиҳандаҳои боздеҳи фондҳо дар шаҳри Хуҷанд ва ноҳияи Б.Ғафуров аз ҳама зиёдтар мебошад, ки он самаранокии истифодабарии иқтидори саноатиро нишон медиҳад. Дар ноҳияҳои Кӯҳистони Мастчоҳ ва Шаҳристон бошад, бо сабабҳои гуногун нишондиҳандаҳои боздеҳи фондҳои ин минтақаҳо аз ҳама паст мебошад. Пас, аз ин мебарояд, ки дар ин субъектҳо бояд:

1. Таҷдиди технологияҳои истеҳсолӣ;
2. Ба роҳ мондани ташкил ва идоракунии истеҳсолот;

Барои баҳодиҳии самаранокии истифодаи иқтидори саноатии минтақа сатҳи боздеҳи фондҳои корхонаҳои саноатӣ дар миқёси ҷумҳурӣ таҳлил карда мешавад, ки дар ҷадвали 3 оварда шудааст:

Ҷадвали 3.

| Нишондиҳандаҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Солҳо | | | | | | | |
| | Воҳиди ченак | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 |
| | | Ҷумҳурии Тоҷикистон | | | | | |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ | млн.сом | 10535 | 12196 | 15090 | 20029 | 23894 | 27613 |
| Ба кор андозии фондҳои асосӣ | млн.сом | 7615,9 | 4129,5 | 5406,6 | 6678,5 | 4859,3 | 7033,3 |
| Боздеҳи фондҳо | млн.сом | 1,38 | 2,95 | 2,79 | 2,99 | 4,91 | 3,92 |
| Вилояти Суғд | | | | | | | |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ | млн.сом | 4103,5 | 4894,2 | 7078,5 | 10066,4 | 11498,4 | 13053,6 |
| Ба кор андозии фондҳои асосӣ | млн.сом | 621,8 | 1247,3 | 1360,5 | 1457,6 | 1118,6 | 804,4 |
| Боздеҳи фондҳо | млн.сом | 6,59 | 3,92 | 5,20 | 6,90 | 10,2 | 16,22 |
| Вилояти Хатлон | | | | | | | |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ | млн.сом | 4044,7 | 4621,2 | 5047,7 | 6753,1 | 7294,0 | 8661,1 |
| Ба кор андозии фондҳои асосӣ | млн.сом | 4666,5 | 990,7 | 1122,3 | 1674,6 | 710,6 | 3027,9 |
| Боздеҳи фондҳо | млн.сом | 0,86 | 4,66 | 4,49 | 4,03 | 10,2 | 2,86 |
| | | ВМКБ | | | | | |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ | млн.сом | 96,5 | 111,8 | 128,8 | 193,4 | 238,3 | 249,3 |
| Ба кор андозии фондҳои асосӣ | млн.сом | 93,2 | 144,2 | 97,5 | 768,2 | 513,5 | 100,7 |
| Боздеҳи фондҳо | млн.сом | 1,03 | 0,77 | 1,32 | 0,25 | 0,46 | 2,47 |
| | | ш. Душанбе | | | | | |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ | млн.сом | 1222,4 | 1350,7 | 1461,7 | 1659,0 | 2664,9 | 2753,4 |
| Ба кор андозии фондҳои асосӣ | млн.сом | 1625,1 | 1255,1 | 2535,5 | 2222,6 | 2092,2 | 2815,7 |
| Боздеҳи фондҳо | млн.сом | 0,75 | 1,07 | 0,57 | 0,74 | 1,27 | 0,97 |
| | | НТҶ | | | | | |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ | млн.сом | 1067,9 | 1218,1 | 1373,2 | 1357,1 | 2198,5 | 2895,6 |
| Ба кор андозии фондҳои асосӣ | млн.сом | 609,3 | 492,2 | 290,7 | 555,5 | 424,4 | 284,6 |
| Боздеҳи фондҳо | млн.сом | 1,75 | 2,47 | 4,72 | 2,44 | 5,18 | 10,17 |

*Коркарди муаллиф дар асосӣ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020/ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. С. 272, 321*

Муқоисаи сатҳи боздеҳи фондҳои корхонаҳои саноатии вилояти Суғд бо ин ҷараён дар дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ имконияти дарёфти дигар роҳҳои баланд бардоштани боздеҳи фондҳоро медиҳад. Муқоисаи ин ҷараён нишон медиҳад, ки боздеҳи фондҳои корхонаҳои саноатии вилояти Суғд нисбатан баланд мебошад. Ин боз самаранокии истифодаи иқтидори саноатии корхонаҳои саноатии вилояти Суғдро тасдиқ менамояд.

Дар асоси таҳлили боздеҳи фондҳо, мо ин ҷараёнро дар шакли схема ифода намудем.

Сатҳи боздеҳи фондҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миқёси саноат




Расми 1. Роҳҳои таъсирбахши боздеҳи фондҳо

Ба фикри мо, дар амал коркарди ин схема самаранокии боздеҳи фондҳоро баланд намуда, дар умум бо самар истифодабарӣ иқтидори саноатии минтақаро таъмин менамояд. Агар талаботро нисбат ба маҳсулоти саноатӣ ба 1% зиёд намоем, боздеҳии фондҳо ба 1,1 % баланд мегардад. Дигар роҳи баланд бардоштани боздеҳии фондҳо ва зиёд кардани ҳаҷми мазсулоти санотӣ – рушди коэффитсиенти сменагӣ дар корхонаҳои ин соҳа мебошад. Барои баланд бардоштани самаранокии иқтидори корхонаҳои саноатии вилояти Суғд, зиёд намудани коэффитсиенти сменагӣ ба 0,1 воҳид ҳаҷми маҳсулот ба 0,11 % зиёд мешавад.

Хамин тавр, асоси мустаҳкамгардонӣ ва беҳтар намудани дараҷаи техникӣ - иқтисодии иқтидори саноатӣ ин самаранокии истифодабарии ҳамаи захираҳои минтака мебошад.

АДАБИЁТ

1. Ларионов А.О. Оценка промышленного потенциала региона/проблемы развития территории. вып. 2 (76) • 2015.С. 46
2. Меньщикова В.И. Экономический потенциал региона: терминология, структура, модель/ Вестник ТГУ, выпуск 4 (84), 2010-С.62

3. Низомова Т.Д. Промышленность Таджикистана: современное состояние и перспективы развития//Вестник Таджикского государственного университета. -Душанбе: «Сино»,2008. -№1.- с.45-46.
4. Омори солонаи вилояти Суғд 2020с.// Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд .2020.- с.211.
5. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020⁄ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. С. 272, 321
6. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020⁄ Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020. С. 272, 323
7. Позднякова В.Я., Прудникова В.М. Экономика предприятия. (фирмы).Практикум. 2-ое издание. Москва. Инфра-М. 2010. с. 20 -23.

REFERENCES

1. Larionov A.O. Assessment of the industrial potential of the region / problems of development of the territory. • Issue 2 (76) • 2015. p. 46
2. Menshchikova V.I. Economic potential of the region: terminology, structure, model / Bulletin of TSU, issue 4 (84), 2010-P.62
3. Nizomova T.D. Industry of Tajikistan: current state and development prospects // Bulletin of the Tajik State University. -Dushanbe: "Sino", 2008. -№1. Pp.45-46.
4. Statistical annual of the Sughd Region 2020, Agency statistics under the President of the Republic of Tajikistan, 2020, 211 p.
5. Statistical annual of the Sughd Region 2020, Agency statistics under the President of the Republic of Tajikistan, 2020, 272, 321 p.
6. Statistical annual of the Sughd Region 2020, Agency statistics under the President of the Republic of Tajikistan, 2020, 272, 323 p.
7. Pozdnyakova V.Ya., Prudnikova V.M. Enterprise economy. (firms). Workshop. 2nd edition. Moscow. Infra-M. 2010. Pp. 20-23.